«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло

____________________

«___» августи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Врлизода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Омӯзишу баррасии равия ва ҷанбаҳои нави илми забоншиносии муосир яке аз самтҳои муҳимми рушди босамари ҷомеаи мутамаддин ба ҳисоб рафта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои назаррас ба пажуҳиши риштаҳои нави илм, аз ҷумла, ба омӯзиши масъалаҳои рӯзмарраи илми забоншиносии муосир таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳимму афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ яке аз самтҳои арзишманд маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши ин самтҳо пайваста сайъу кӯшиш намоянд. Дар ин ҷода, дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташуда яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравaнд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Вализода Ҳокимхон Сафолиён маҳз ба масъалаи муҳим, камомӯхташуда ва нисбатан мураккаби забоншиносии муосир бахшида шуда, муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаву маводди фаровони таҳқиқ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои сарфию наҳвиро мавриди таҳқиқи хосса қарор диҳад. Аз ин ҷиҳат, омӯзишу таҳқиқи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)» бо шиносномаи тахассуси 6.2.2. Назарияи забон комилан мувофиқат дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир гардидааст, то ба имрӯз роҷеъ ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) таҳқиқоти ҷудогона анҷом дода нашудааст ва диссартант кӯшиш

намудааст, ки хусусиятҳои лексика ва сарфу наҳви ҷумлаҳои сода ва мураккабро баррасӣ намуда, тобишҳои маънои онҳоро бо мисолҳо аниқ намояд ва дар омӯзишу таҳқиқи ҷумла дар низоми наҳви забон то дараҷае саҳмгузор бошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур аҳаммияти назариявию амалӣ дорад. Инчунин, баррасии ин масъала ба таҳаввулоти семантикӣ ва прагматикии воҳидҳои алоҳидаи луғавии забоншиносӣ равшанӣ андохта, то чӣ андоза ба фаҳму дарки омма наздик будани илми лексикаро нишон дода, манзараи равандҳои ташаккули онро дар забони тоҷикӣ намоиш медиҳад. Дар заминаи таҳқиқ муайян карда мешавад, ки дар мисоли ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он роҳҳои ташаккул ва инкишофи низоми грамматикаи забонро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ҳамчунин, мавзуи мазкур, барои инкишофи назарияи лексикология ва ҳам грамматика маводди зарурӣ фароҳам оварда метавонад. Агарчи дар бораи ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он мақолаҳо ва асарҳои илмӣ эҷод шуда бошанд ҳам, таҳқиқи мукаммали мавзуъ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст сурат мегирад. Бинобар ин, рисолаи мавриди назар қадами аввалинест, ки холигоҳи мавҷударо пурра мегардонад.

**Дараҷаи асоснокkунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва масъалагузориҳои илмию пажуҳишӣ, усулҳои таҳлил ва шеваҳои ҳалли проблемаҳои илмӣ ба таври мақсаднок муайян гардида, натиҷагирӣ ва хулосаҳои муҳаққиқ бар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва адабӣ ҳосил шудаанд. Мақолаҳои диссертант, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмию тахассусӣ ба нашр расидаанд, бо муҳтаво ва самти таҳқиқоти рисола комилан мувофиқанд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои манзургардида дар диссертатсияи Ҳ. Вализода дорои пояҳои устувори илмӣ буда, ба талабот ва меъёрҳои таҳияи кори илмии диссертатсионӣ комилан ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқи мавриди назар пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки бори аввал доир ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он камари ҳиммат баста шуда, марҳилаҳои рушду ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 1840 то замони бозсозӣ, манбаъ, заминаи марҳилаҳои таърихӣ ва омилҳои ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик ва давраҳои он ба сурати густурда бо фарогирии чеҳраҳои дар он нақшдошта баррасӣ гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Омӯзишу таҳқиқи ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) аҳаммияти хоссаи назарию амалиро дорост. Зеро хулосаҳо ва тавсияҳои диссертант барои омӯзиши минбаъдаи таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар заминаи маводди фаровони солҳои 1840 то замони бозсозӣ, ки он ба рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ, такмили асосҳои методологӣ ва амиқтар дарк намудани афкори забоншиносии навини тоҷик мусоидат мекунад, ҳаматарафа ва ба таври амиқу дақиқ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо барнома ва мавзуъҳои илмии даврони муосир робита дошта, ҷиҳати тадриси фанҳои забоншиносӣ, назарияи забон ҳамчун маводди ёрирасон кӯмак карда метавонад. Ҳамзамон, диссертатсия дар асоси номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар кишвар сурат гирифтааст.

Бо назардошти вазифаҳои илмию пажуҳишии худ, диссертант дар назди худ мақсад ва аҳдофи мушаххас мегузорад, ки онҳо дар бахши **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар ҳашт банд ифода ёфтааст. Дар нуктаҳои асосӣ муҳтаво ва моҳияти бобҳо ва фаслҳои асосии диссертатсия ифода мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур бо истифода аз усул ва методу равишҳои муосиру эътирофгардидаи забоншиносӣ таълиф шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзуъ, баррасӣ ва ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ аз дастовардҳои илмии забоншиносони муосир, назарияҳои ҷадиди илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода мебарад. Хулоса ва натиҷагириҳои ҳар боб бо таҳлилҳои муфассал ва мудаллали қобили эътимод асоснок карда мешаванд. Муҳокимарониҳо ва баҳсу баррасиҳои муаллиф қобили таваҷҷуҳанд. Кори диссертатсионии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ иртибот ва пайванди қавӣ дорад.

Пайгирии шеваҳо ва роҳу усулҳои дуросту муосири илмӣ, омӯзиши амиқу фарогири сарчашмаҳои илмӣ ба диссертант имкон додаанд, ки аз масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия таҳқиқшуда натиҷагириҳо ва хулосаю тавсияҳои қобили эътимод ба даст орад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муҳаққиқ аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватаниро асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, усулҳои муосири таҳқиқи наҳвии

ҷумлаҳои сода ва мураккабро истифода карда, ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди онро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

Мустақилона ба таҳқиқи мавзуъ пардохтани диссертант, ҷустуҷӯҳои бобарори илмию пажуҳишӣ, ба дастовардҳои арзишманди забоншиносӣ даст ёфтани ӯ бозгӯкунандаи саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзуъ мебошад. Аз ин лиҳоз, **саҳми шахсии муҳаққиқ** дар таҳияи асосҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ, баррасии маводди илмию назариявӣ, натиҷагирӣ ва хулосабарориҳои илмӣ равшан мегардад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 19 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд, ки бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия маҳсуб мешавад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Дар диссертатсия ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) ба таври маҷмуӣ ва муфассал баррасӣ мешавад. Муҳтавои диссертатсия собит менамояд, ки таҳқиқот аз тарафи унвонҷӯ дар сатҳи шоистаи илмӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар ҳар як бобу фасли диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъ ба таври лозимӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз лиҳози сохтор ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, он аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт номгӯйи интишороти илмии диссертант иборат мебошад. Ба хотири муназзамӣ ва риояи талаботи корҳои илмии диссертатсионӣ бобҳои диссертатсия ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Чунин сохтор мантиқӣ буда, барои баррасии пай дар пайи масоили марбут ба мавзуъ созгор мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуъ, собиқаи омӯзиши он, ҳамбастагии таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ муайян карда шудааст. Илова бар ин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои назарию амалӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалии натоиҷи таҳқиқ асоснок карда мешавад. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи мавзуъ муфассал тавзеҳ мешаванд.

Боби якуми диссертатсия **«Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми уми асри XIX»** унвон дошта, дар он аз бобати вижагиҳои сохторию маънoии забоншиносии навини тоҷик сухан рафтааст. Зербоби аввали боби якум «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр» унвон дошта, андешаҳои забоншиносони ватанию хориҷиро доир ба ташаккули сарфу наҳви забони тоҷикӣ дар бар мегирад. Диссертант такя ба таърихи забони тоҷикӣ қайд кардааст, ки андешаҳо дар бораи ҷумла ва сохтори он дар Аврупо аз давраи мантиқшиносони Юнони қадим пайдо шуданд. Дар натиҷаи омӯзиш маълум гардид, ки сарчашмаҳои фарҳанги аврупоӣ аз офаридаҳои чандинасраи юнониёни қадим маншаъ мегиранд.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия «Ҳаракати маорифпарварӣ ва таъсири он ба афкори забоншиносии навини тоҷик» унвон дошта, вобаста ба омӯзиши назарияҳои забоншиносии тоҷик, саҳми Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ хеле калон аст. Ҳамзамон, дар омӯзишу баррасӣ ва шинохти илми забоншиносӣ саҳми як қатор забоншиносони пешин, аз қабили, Шамси Қайси Розӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Воҷидалии Муҷмалӣ дигарон бағоят назаррас аст, ки онҳо дар таҳқиқоти хеш оид ба заминаҳои асосии зуҳури ҷумла дар низоми наҳви забони тоҷикӣ осори мондагоре таълиф намудаанд, ки то ҳол мавриди амал қарор доранд.

Зербоби сеюми боби якуми диссертатсия **«Китобҳои дарсии мактабҳои усули нав ва инъикоси афкори забоншиносии навини тоҷик дар онҳо»** унвон дошта, диссертант маълумот додааст, ки дар низоми таълими мадрасаҳои Осиёи Миёна омузиши грамматика мавқеи асосӣ дошт. Дар мавқеи устувор пайдо кардани забони тоҷикӣ, қоидаҳои грамматикии он дар таълими мактабҳои усули нав ва шаклгирии афкори забоншиносии навини тоҷик саҳми аввалин китобҳои дарсии «Сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ, «Қоидаҳои муҳим аз сарфу наҳви тоҷикӣ»-и Абдурауфи Фитрат, «Сарфи забони тоҷикӣ»-и Туракул Зеҳнӣ ва «Дар атрофи забони адабии тоҷик»-и Бектош хеле назаррас аст.

Воқеан, сарфу наҳви ҳар забон хусусиятҳои махсуси миллӣ дорад, ки сохти грамматикии ин ё он забонро нишон медиҳад.

Зербоби чоруми боби якум – «Фарҳангҳои тафсирӣ ва идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар онҳо» ба баррасӣ ва вижагиҳои асосии фарҳангҳои тафсирӣ бахшида шудааст. Мавриди зикр аст, ки донишмандон Асадии Тусӣ, Луғати фурс, Абуҳафзи суғдӣ «Фарҳангт Қатрон», Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ «Ғиёс-ул-луғот» ва дигарон барои инкишофи илми забоншиносии тоҷик, алалхусус, барои рушду инкишоф додани луғатҳои

тафсирӣ хизмати шоиста кардаанд, аз тарафи муаллиф маълумотҳои хеле ҷолиб оварда шудааст.

Зербоби панҷуми боби якум – **«Ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ва таъсири афкори забоншиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик»** ном дорад. Дар ин қисмати кор доир ба ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия, аксаран, маълумоти таърихӣ додааст, ки ҷолиби таваҷҷуҳанд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Ташаккули забоншиносии навини тоҷик – дар солҳои 20-30-уми асри XIX»** ном дошта, мубоҳисаҳо атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор фикру андешаҳои устод С. Айнӣ, Т. Зеҳнӣ, С. Ализода, Раҳим Ҳошим, А. Мунзим, Б. Азизӣ, Бектош, Б. Ҳоҷизода ва Ҳ. Бақозода оварда шуда, афкору андешаҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Ташаккули забоншиносии навини тоҷик – дар солҳои 40-50-уми асри XIX»** унвон дошта, мантиқан давоми боби дуюм аст. Боби мазкур ба баррасии фикру андешаҳои забоншиносони солҳои 40-50-уми асри XX, аз ҷумла, Лутфулло Бузургзода, Абдусалом Деҳотӣ ва академик Абдулғанӣ Мирзоев бахшида шуда, хусусиятҳои сохторию маъноии ибора, ҷумлаҳои содаю мураккаб бахшида шудааст. Истифода аз ин воҳиди нисбатан тому муташаккили нутқ ба салиқаю маҳорат ва ҳунари сухангустарии забоншинос вобаста мебошад.

Инчунин, дар ин боб аз нигоҳи дастурӣ ва луғавӣ ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъу сертаркиб, ки аз тарафи олимони забоншиносони дар боло овардашуда мавриди пажуҳиш қарор дода шуданд, баррасӣ гардида, ба ин васила, пайвандакҳо, интонатсия, муносибати шаклҳои феълии хабарҳо, тартиби ҷумлаҳо, эллипсис, такрори калима, ҷонишинҳои энклитикӣ, воҳидҳои нисбӣ, аъзоҳои умумӣ ва воҳидҳои ёрирасон ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Боби чоруми диссертатсия **«Масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик – дар солҳои 60-уми асри XX»** ном гирифтааст. Дар ин боб намояндагон ё забоншиносони маъруфи ватанӣ, аз ҷумла, доир ба М. Исматуллоев, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов ва М. Шукуров маълумоти зарурӣ оварда шуда, дар бораи онҳо маълумоти арзишманд дода шудааст. Дар ин боб намояндагон ё забоншиносони маъруфи ватанӣ, аз ҷумла, доир ба М. Исматуллоев, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов ва М. Шукуров маълумоти зарурӣ оварда шуда, дар бораи онҳо маълумоти арзишманд дода шудааст.

Дар ин боб низ намояндагон ё забоншиносони маъруфи ватанӣ, аз ҷумла, доир ба Б. Ниёзмуҳаммадов ва осори забоншиносии ӯ, масъалаҳои илми сарф

аз назари Ш. Ниёзӣ, Д. Тоҷиев ва афкори забоншиносии ӯ, Н. Маъсумӣ муҳаккиқи забон, инчунин, роҷеъ ба фаъолияти забоншиносии Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов ва М. Шукуров маълумоти зарурӣ оварда шуда, дар бораи онҳо маълумоти арзишманд дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар забоншиносии тоҷик ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрав хеле зиёд буда, воҳидҳои нисбӣ дар алоқаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравaнд. Ба вазифаи воҳидҳои нисбӣ, пеш аз ҳама, ҷонишинҳои ишоратӣ меоянд, ки онҳо вазифаи ҳамаи аъзои ҷумларо дар ҷумлаи пайрави муайянкунанда иҷро карда метавонанд.

Боби панҷуми диссертатсия **«Андешаҳои муҳаққиқони забон дар солҳои 70-уми асри XX»** ном гирифтааст. Дар ин боб роҷеъ ба намояндагон ё забоншиносони маъруфи ватанӣ, аз ҷумла, доир ба М. Исматуллоев, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов ва М. Шукуров, Ҳ. Маҷидов, П. Қурбонов, Ф. Зикриёев ва дигарон маълумоти зарурӣ оварда шуда, дар бораи онҳо факту далелҳои арзишманд пешниҳод шудааст.

Дар ин қисмат назари муҳаққиқону забоншиносони тоҷик доир ба ҷумлаи мураккаби омехта, инчунин, гурӯҳбандии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст: Ҷумлаи мураккаби омехта гуфта, чунин ҷумлаҳоро меноманд, ки ҷумлаҳои содаи таркибашон на камтар аз сето буда, агар он ҷумлаҳои сода ҳам бо пайвандакҳои пайвасткунанда (масалан, ҷумлаи содаи якуму дуюм) ҳам ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда (ҷумлаи дуюму сеюм) ба ҳам алоқаманд шуда бошанд.

Ҳамин тавр, ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда ҳалли худро ёфтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ дар 22 банд зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Дастовардҳои муаллифи рисола дар омӯзиш ва пажуҳиши минбаъдаи масъалаҳои забоншиносӣ, хосатан, дар соҳаи луғатшиносӣ, сарфу наҳв саҳми боарзиш ва судманде хоҳад гузошт. Ҷанбаи илмии рисола ҳам хуб буда, нигорандаи он барои ҷамъоварии мавод ва пажуҳиш то қадри имкон аз осори донишмандони ватаниву хориҷӣ истифода намудааст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант натиҷаи ҷустуҷӯю баррасӣ ва ковишҳои илмию пажуҳишии диссертант мебошад. Истифодаи бамавриду бамавқеи сарчашмаҳои илмию адабӣ, агар аз як тараф нишондиҳандаи вусъати назари муҳаққиқ бошад, аз тарафи дигар он баёнгари сатҳи шоистаи илмии диссертатсия аст. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҳ. Ваlizода ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Ватизода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти забоншиносӣ иртибот доранд.

Диссертатсияи тақризшаванда дорои дастовардҳои назарраси илмию таҳқиқӣ мебошад. Бо муҳассаноти зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки зикри онҳо барои такмили он аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар саҳ. 209 ҷумлаеро мехонем «...Забони тоҷикиро забони мустақили дорои таркиби луғавӣ намеҳисобиданд, зарбаи ҳалокатовар задааст». Дар дунё забоне бошад, ки таркиби луғавӣ надошта бошад. Барои ҳамин ҷумлаи мазкур таҳрир мехоҳад;

2. Дар саҳ. 304 ҳамчун муродифи услубӣ ду ҷумла оварда шудааст: «Ӯ ба хурсандӣ омад-ӯ хурсанд гардид». Инҳо муродиф нестанд, балки варианти якдигаранд. Ё ҷумлаҳои дигар: «Ман имруз ӯро дидам-Имрӯз ман ӯро дидам»-инҳо низ муродиф нестанд, чунки калимаҳо ҳамшакл хастанд;

3. Дар саҳ. 10, 191 ва саҳифаҳои дигар низ калимаи «фавқ» такрор ба такрор омадааст. Такрори бемавқеъ ҳусни суханро мекоҳонад. Барои он ки ҳусни сухан коҳиш наёбад, муродифи калимаи фавқро истифода бурдан даркор;

4. Дар саҳ. 30-и диссертатсия: Вожаҳои **хандон, сузон, ки** ҳамчун сифати феълӣ маънидод шудаанд, онҳо сифатанд: Бачаи **хандон**, офтоби **сӯзон.**

5. Дар саҳ. 39 калимаҳои зеринро ҳамчун сифат овардааст, ки онҳо зарфанд: хеле, бисёр, зиёд, бағоят ниҳоят, андак, кам, ин ҷо, он ҷо, имрӯз, дируз ва ғайраҳо.

6. Дар саҳ. 205 ин ҷумла таҳрир мехоҳад: «Вай дар сохти синтаксисии забони адабии тоҷик (?) дар таркиби мубтадо, хабар, пуркунанда ва ҳол меояд».

7. Дар саҳ. 228. Ҷумлаи мураккаби тобее оварда шудааст, ки муаллифи диссертатсия онро ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда маънидод кардааст, дар асл бошад, ин ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави пуркунанда аст: «Ба ин шаклу шамоил намуди зоҳирии ноиб ба ба ҷуволи пургандум монанд буд, даҳони вайро як қабза карда ба даҳанбанд баста буданд». Дар ин ҷумла, ҷумлаи пайрав пуркунандаи сарҷумла «ба ҷуволи пургандум»-ро тавзеҳ додааст, аз ин рӯ, ин ҷумла ҷумлаи пайрави пуркунанда аст на ҷумлаи пайрави муайянкунанда.

8. Дар саҳ. 228. Ҷумлаи мураккаби тобее оварда шудааст, ки диссертант онро ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави тарзи амал мешуморад: «Булбулон,чи тавре ки парвона ба гирди шамъ (?) мегардида бошад, ба гирди сари мо чарх мезаданд». Дар ин ҷумла, ҷумлаи пайрав як предметро ба предмети дигар монанд карда, тарзи иҷрои амалро тавзеҳ додааст, аз ин рӯ, ин ҷумла ҷумлаи пайрави монандӣ аст, на ҷумлаи пайрави тарзи амал.

9. Дар кор баъзе хатогиҳои имлоӣ ва китобатӣ ба чашм мерасад (192, 194, 195, 195, 199, 301, 203, 205, 207, 208, 215, 225 ва ғайраҳо).

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро кам намесозад. Муҳаққиқ вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳу савияи шоистаи илмию таҳқиқотӣ иҷро кардааст. Аз диссертатсияи мавриди назар бисёр маълумоти тозаи илмӣ гирифтан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи доктории Ҳ. Вализода кори баанҷомрасидаи илмӣ буда, онро метавон ҳамчун дастоварди тоза дар забоншиносии тоҷик муаррифӣ кард.

Диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод гардидаст, бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои бамиёнгузоштташуда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 18-уми августи соли 2026, №1 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №1, аз 18.08.2026.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таҳсилоти
ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич

Номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Гадоев Нурхон

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

Имзоҳои А.О. Ғаффоров, Г.Н. Иброимова, Н. Гадоев ва Ш.Р. Юсуповро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомона: www.tgpu.tj

«18» 08 соли 2026